***ГАР, ВАТАН, ДИЛРО ТУ МЕХОХӢ, ФИДО СОЗАМ БА ЧОН!***

***“Мо бо чавонони созандаи худ ифтихор мекунем, чунки чавонони даврони сохибистиклолии Ватанамон имрӯз бо нангу номуси миллӣ, ташаббусхои шоиста ва эхсоси баланди ватандорӣ дар рушди Точикистони азиз хиссаи арзишманд мегузоранд ва ба Модар-Ватани худ содикона хизмат мекунанд”.***

***Эмомалӣ Рахмон***

***Ин нуктахо хисси баланди масъулиятшиносӣ, худшиносиву худогохӣ, рухияи озодихохӣ, ватанпарастӣ, ифтихори миллии чавонони саодатманди диёрро баланд бардошта, бори дигар водор месозад, то ба кадри неъматхои бебахо, ба мисли Истиклоли давлатӣ, Вахдати миллӣ, Ватани ободу ором ва арзишхои фарханги хеш бирасем.***

Харчанд ки то даврони истиклолият, бахусус, дар дахсолаи охири мавчудияти давлати шуравӣ, яъне дар солхои 80-уми асри XX, шоирону нависандагони точик бо эхсоси баланду завки махсус оид ба мавзӯхои алокаманд ба миллату худшиносии миллӣ ва хештандориву ватандорӣ, эхтиром аз таърихи гузаштаи миллат асархое хубе рӯйи сахфа оварда буданд, аммо ин мавзӯъ дар даврони пас аз истиклолият ба нуктаи баландтарин такмили худ расид. Барои он ки хисси ватандӯстиву ватанпарвариро тасаввур кунем, аз ватанпарварони музаффаре чун Темурмалик ва Хабиб Юсуфии ёдовар мешавем. Дар таърих сабт шудааст, ки вакте часади кахрамони халки точик Темурмаликро пайдо мекунанд, аз бари ӯ як каф хок ва когазпорае меёбанд. Дар он чунин мисрахо сабт будаанд: “Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу, во хасрато, ки орзу мебарам ба хок”. Чунин рафтору кирдори кахрамони Ватан метавонад боз садхо нафаронро хамчун химоятгару дӯстдори Ватан тарбия кунад. Шоири оташнафас ва таронасарои Ватан Хабиб Юсуфӣ бо шеърхои пурманзум мехри ватандӯстиро исбот кардааст.

***Гар, Ватан, дилро ту мехохӣ, фидо созам ба чон,***

***Дил барои мехри ту, эй мехри ман, бошад макон.***

Мехри Ватан, албатта, барои хар инсони сохибдиле аз ишки зодгох ва мухаббат бар он сарзамине, ки дар он чо чашм ба олами хастӣ овардааст, огоз меёбад. Ватан барои хар яки мо хонаи умеду орзухо ва бахшандаи бахту саодат мебошад. Бинобар ин, мо бояд дар замири чавонон ва шуури онхо мехру мухаббат ба Ватан, ифтихори ватандӯстӣ, ишки ватанро парвариш намоем.

***Гар дар ин дунё нишоти зиндагӣ кимати умр аст,***

***Кимати ман бе Ватан бекимат аст.***

***Чонсупорӣ бахри такдири азал гар химмат аст,***

***Химмати ман бе Ватан бехиммат аст,***

***Химмати бехимматӣ бар одаме гар хикмат аст,***

***Хикмати ман бе Ватан бехикмат аст.***

Яъне кадру киммату бахову хубии умр агар шодиву сурур бошад, бе Ватан умри мо кимат надорад, шодиву сурур ва хузур надорад.

Хулоса, аксар шоирони муосири мо шукронаи замон ва Ватан намуда, мекӯшанд, ки бо тасвир ва навоварӣ зебоиву гуворой ва мукаддасу азиз будани Ватанро тараннум намоянд. Агар ба байтхои боло эътибор дихем, дар хамааш мохияти якранг чун фарзанди содики кишвар барои Ватан чон фидо кардан, Ватанро азиз донистан шиори мо чавонон хаст.

***Фирӯз АРАБЗОДА, муаллими калони кафедраи забонхои хоричии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Чумхурии Точикистон***

Бознашр аз сахифаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Чумхурии Точикистон дар facebook